«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»

Ректори Донишгоҳи давлатии
омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ,
доктори илмҳои таърих, профессор
_____Ғаффорӣ Н.У.
«_____»_____2021

ХУЛОСАИ

кафедраи сиёсатшиносии Донишгоҳи давлатии
омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ

Диссертатсия дар мавзуи “Хусусиятҳои сиёсати экологии давлатҳои Осиёи Миёна дар шароити ҳозира” дар кафедраи сиёсатшиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ба анҷом расидааст.

Дар давраи омода кардани диссертатсия Мирзоев Саидмузаффар докторанти кафедраи сиёсатшиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ буд.

Мирзоев Саидмузаффар Мирзомуродович соли 2013 зинаи бакалавр (бо ихтисоси забон ва адабиёти тоҷик), соли 2015 зинаи магистратура (бо ихтисоси сиёсатшиносӣ) ва соли 2020 зинаи докторантураи (PhD) Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айниро (бо ихтисоси сиёсатшиносӣ) хатм намудааст.

Фармони хатми доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050200 – Сиёсатшиносӣ аз 15.06.2020 таҳти №287^{0D} тасдиқ шудааст.

Роҳбари илмӣ – Гулахмедов Мусамир – д.и. фалсафа, профессори кафедраи сиёсатшиносии ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ.

Аз натиҷаи баррасии диссертатсияи Мирзоев Саидмузаффар Мирзомуродович “Хусусиятҳои сиёсати экологии давлатҳои Осиёи Миёна дар шароити ҳозира” чунин хулоса бароварда шуд:

Диссертатсияи Мирзоев Саидмузаффар “Хусусиятҳои сиёсати экологии давлатҳои Осиёи Миёна дар шароити ҳозира” таҳқиқоти комилу анҷомёфтаи илмист, ки дорои аҳамияти назариявӣ – амалӣ ва навгонии илмӣ мебошад. Муаллиф пажӯҳиши пурдомана ва муфассалеро анҷом додааст, ки он дар шакли диссертатсия, дар сатҳи хуби илмӣ таҳия гардидааст.

Диссертатсия бо масъалагузориҳои ҷиддии илмӣ, хулосаю баррасиҳои бодалел навишта шудааст. Муаллиф масоили ба миёнгузоштаро бонизом ва дар сатҳи хуби илмӣ ҳаллу фасл кардааст.

Аҳамияти пажӯҳиши мавзуи рисола дар он аст, ки мушкилоти экологӣ дар шароити тағйирёбии иқлим, дар минтақаи Осиёи Миёна аз нуқтаи назари илмҳои сиёсӣ ҳануз пурра омӯхта нашудааст. Дар ин асос, кӯшиши омӯзиш ва таҳқиқи ҷараёни таҳия ва татбиқи сиёсати экологӣ дар заминаи тағйироти ҷиддии экологӣ дар минтақаи Осиёи Миёна зарур мебошад. Омӯзиш ва таҳлили омилҳои экологӣ, иҷтимоӣ - сиёсӣ ва иқтисодӣ дар раванди таҳқиқот нишон медиҳанд, ки дар миёни маҷмуи масъалаҳои мураккаб ва бисёрҷонибаи миёни давлатҳои Осиёи Миёна баамаломада, сиёсати экологӣ ҷойи муҳимро ишғол мекунад.

Объекти таҳқиқоти илмӣ сиёсати экологии давлатҳои Осиёи Миёна, ҳолат, мушкилот ва дурнамои он дар шароити муосир мебошад. Ҳадафи асосии таҳқиқот ҷараёни таҳияи сиёсати экологӣ дар танзими раванди экологӣ ва вазъи он дар минтақаи Осиёи Миёна, инчунин ҳифзи табиат ва саломатии шаҳрвандон аст.

Муаллифи рисола қайд кардааст, ки масъалаҳои экологии кишварҳои Осиёи Миёна доираи марзҳои маъмурии онҳо ва ҳатто доираи марзи минтақаро убур намуда, ба мушкилоти башарӣ табдил ёфтаанд, ки давлатҳои миллии минтақа дар алоҳидагӣ қудрати ҳаллу фасли онҳоро надоранд. Ин ҳолат зарурати омӯзиш, таҳқиқ ва таҳияи сиёсати ягонаи минтақавии экологиро дар Осиёи Миёна тақозо

менамояд. Сиёсати экологӣ қисми таркибии сиёсати давлатӣ маҳсуб ёфта, аҳамияти баланди иҷтимоию иқтисодӣ дорад. Бо назардошти беш аз пеш мураккаб гардидани вазъи экологӣ ва таҳдиду хатарҳо ба муҳити зист, ба миён омадани мушкилиҳо ҷиҳати ҳифзи саломатии аҳолӣ масъалаҳои экологиро ба мавзуи баррасишавандаи сатҳи олии сиёсӣ табдил додааст.

Муаллиф дар боби якуми диссертатсия доир ба асосҳои назариявӣ – методологӣ ва консептуалии сиёсати экологӣ андешаронӣ намуда, қайд намудааст, ки омӯзиши масъалаҳои илмию назариявии мушкилоти экологӣ вазифаи муҳим ва душворест, ки дар самти илмҳои сиёсии муосир қарор доранд. Зеро бе таҳлили амиқ ва аз ҷиҳати илмӣ асоснокнамуда, мафҳум ва моҳияти сиёсати экологӣ дар ҷомеа дарёфти роҳу усулҳои самарабахши фаъолияти иқтисодӣ, сиёсӣ - иҷтимоӣ ва таъмини рушди муназзаму устувор ғайриимкон мебошад.

Дар боби дуюми диссертатсия докторант оид ба самтҳои асосии сиёсати экологии давлатҳои Осиёи Миёна таҳқиқот гузаронидааст. Диссертант дар таҳқиқоти худ ҳадафи асосии омӯзиши хусусиятҳои мураккаби ташаккули сиёсати экологӣ дар минтақаи Осиёи Миёнаро нишон додааст. Тибқи мақсади гузошташуда, иҷрои вазифаҳои зерин зарур шуморида шудаанд:

- таҳлили заминаҳои асосии ташаккули сиёсати экологии давлатҳои Осиёи Миёна ҳамчун фаъолияти асосии минтақавӣ дар шароити тағйирёбии иқлим;
- омӯзиши равишҳои асосии фаҳмиши мундариҷа ва моҳияти сиёсати экологӣ дар доираи таълимоти мухталифи иҷтимоию сиёсӣ, ошкор намудани шароити объективии тағйирёбии онҳо;
- бо назардошти мундариҷаи барҳӯрдҳои асосии ҳалли масъалаҳои экологӣ, ки дар илмҳои сиёсию иҷтимоии муосир мавҷуданд, муайян кардани макони рушд ва стратегияҳои сиёсати экологии давлатҳои Осиёи Миёна;

- таҳлили қонунҳои асосӣ ва хусусиятҳои ташаккули сиёсати экологии давлатҳои Осиёи Миёна дар замони соҳибихтиёрӣ;
- омӯхтани вазъи экологӣ ҳамчун шарти асосии рушди устувор дар шароити тағйирёбии иқлим дар минтақа;
- муайян кардани маҷмуи омилҳои ба вазъи экологии минтақа таъсири манфӣ расонанда ва ҷустуҷӯи роҳи ҳалли онҳо;
- муайян кардани дурнамои рушди сиёсати минтақавии экологӣ ва заминаҳои асосии он дар шароити муосир;

Боби сеюми диссетатсия доир ба дурнамои сиёсати минтақавии экологӣ дар Осиёи Миёна мебошад. Аксари мушкилоти минтақавии экологӣ дар Осиёи Миёна тавъам ба истифодаи нодуруст ва ғайриоқилонаи захираҳои оби аҳамияти минтақавидошта сар задаанд.

Вазъият таҳти таъсири равандҳои тағйирёбии иқлим боз ҳам мураккабтар шуда истодааст, захираҳои обии пиряхҳо дар минтақа аллакай ба таври назаррас кам гардидаанд. Дар тӯли 30 соли охир аз 14 ҳазор пиряхҳои Тоҷикистон ҳазортояш нобуд шудааст. Дурнамои эҳтимолии дар оянда, кам шудани оби дарёҳо низ ба масъала шиддати бештар мебахшад. Камшавии захираҳои об ва ҳаҷми об дар дарёҳои фаромарзӣ метавонад ҳолати экологии минтақаро боз ҳам мураккаб гардонида, мушкилоти нави экологии минтақавии вобаста ба об ба вуҷуд оянд.

Навгонии илмии диссертатсия пеш аз ҳама аз он иборат аст, ки дар илми иҷтимоию сиёсии ватанӣ бори аввал кӯшиши ифшо кардани моҳият ва мундариҷаи сиёсати экологии давлатҳои Осиёи Миёна ҳамчун самти муҳими фаъолияти сиёсии минтақавӣ гузошта шудааст.

Навгонии илмии кор бо он далолат мекунад, ки дар он:

- кӯшиши ба низом даровардани нуқтаи назарҳо ва равишҳо оид ба таҳлили моҳият ва мундариҷаи сиёсати экологӣ нишон дода шудааст;

- хусусиятҳои зуҳури сиёсати экологии давлатҳои минтақа тавассути ҳамкориҳои гуногунҷанба дар ин самт, таҳлили назариявӣ ва амалии сиёсати ҳар як давлати минтақа ба таври мушаххас, шароити таърихии пайдоиш, барқароршавӣ ва устувории сиёсати экологӣ дар минтақаи Осиёи Миёна;

- моҳияти иҷтимоӣ ва принсипҳои сиёсати давлатҳои минтақа дар раванди ҳифзи муҳити зист муайян карда мешавад;

- таъсири манфии оқибатҳои тағйирёбии иқлим ва бухрони экологии ҷаҳони муосир ба минтақа ва Тоҷикистон нишон дода шудааст;

- хусусияти хоси таносуби фарҳанги экологӣ ва сиёсати экологӣ оварда шудааст;

- тамоюлҳои рушди минбаъдаи вазъи экологӣ дар минтақа, таҳвияти нақши фаъолияти дастаҷамъонаи экологӣ дар таҳкими субот ва рушди устувори минтақа нишон дода шудаанд.

Аҳамияти илмӣ-амалии таҳқиқот. Дар ин раванд саҳми олимони алоҳида низ дар тадқиқи моҳияти экология ва дарёфти роҳу воситаҳои ҳалли мушкилоти экологӣ боиси арзёбӣ мебошад. Дар ин ҷода, олимони шинохтаи ин соҳа аз Тоҷикистон К.Р. Расулов, Н. Сафаров, М.О. Ибодов, М. Миррахимов, С.Х. Акрамов, Х. Умаров, Ф. Исайнов, Б.Н. Маҳмадалиев, Ш. Қодиров, Д.Д. Ҳалимова, С.З. Қувватзода, У.И. Муртазоев, М. Мавлонӣ, Р. Рауфов, Х. Муҳаббатов, А. Ҷӯраев, аз кишварҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил И.П. Кружилин, К.В. Папянова, Р. Лакко, Р.Н. Александрова, Г.Н.Морозова, И.Т. Фролова, А.В. Смолянова, Г. Кузнесова, Л.В. Бабаева, С.Ю. Рошин, Л. Прокофева, П. Фестин, М. Дмитриев, М.Е. Баскаева, Н.Е. Рабкин, Л.С. Ржанитсина, Л.Н. Овчарова, Н.М. Павлова, М.С. Таканбаева, Р.И. Попова, И.И. Карчагин ва дигарон мазмун, моҳият ва паҳлуҳои экологияро дар марҳилаҳои даврабандии таърихӣ таҳқиқ кардаанд, моҳияти экология ва оқибатҳои иҷтимоии мушкилоти экологиро дар ҷомеа нишон додаанд.

Ҳангоми омӯзиши рисолаҳои илмӣ доир ба масъалаи мазкур муайян гардид, ки дар ин самт корҳои зиёди илмӣ анҷом дода шудааст. Аммо, масъалаи таҳқиқшаванда гуногунпаҳлу буда, таҳқиқи илмии сиёсиро талаб менамояд ва ин раванд водор месозад, то ба мубрамияти мавзуи мазкур ба диди нав назар кунем. Мушкилоти экологӣ, ки имрӯз ҷомеаи ҷаҳониро ба ташвиш овардааст, ҳалли саривақтиро тақозо намуда, дурнамои онҳо назари навро талаб менамоянд.

Иштироки бевоситаи муаллиф барои ба даст овардани натиҷаҳои илмӣ. Муаллиф дар баррасии мушкилот, ба даст овардани натиҷаҳои назариявӣ ва татбиқи онҳо, таҳлили натиҷаҳо ва хулосаҳои ниҳоӣ иштироки бевосита намудааст. Мақолаҳои илмии нашршуда ва автореферат фарогири мазмуни асосии диссертатсия мебошанд. Мақолаҳои илмии муаллиф дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, конференсияҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ чоп шудаанд. Аз ҷумла, дар мавзуи “Сиёсат ва ҳуқуқҳои экологӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон (№1(005) 2019); “Саҳми Пешвои миллат дар ҳалли мушкилоти глобалии вобаста ба об” Конфренсияи илмию назариявии “Эмомалӣ Раҳмон ва ташаккули давлатдории миллии тоҷикон” (н. Рӯдакӣ, 2019); “Сиёсат ва фарҳанги экологӣ” Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (№1 [45] [01-02] 2020); “Саҳми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳалли мушкилоти экологии вобаста ба об” Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон (№4 (12) 2020); “Сиёсати экологӣ, моҳият ва принсипҳои асосии он” Ахбори институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (№1, 2021); “Сиёсати экологии давлатҳои Осиёи Марказӣ” Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ (ISSN 2710-4672 №2 (2) 2021); «Соҳаи гидроэнергетика – заминаи асосӣ барои рушди “Энергияи сабз”» Маҷаллаи илмӣ –

омӯзишии муҳаққиқони ҷавон (№1 (50), 2021); “Ҳамбастагии сиёсати экологӣ бо сиёсати иҷтимоӣ-иқтисодии давлат” Конфренсияи байналмилалӣ дар Ҷумҳурии Қазоқистон (ISSN 2664-2271, №1, 2021)... чоп шудаанд.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Мирзоев Саидмузаффар Мирзомуродович “Хусусиятҳои сиёсати экологии давлатҳои Осиёи Миёна дар шароити ҳозира” пажӯҳиши комилу анҷомёфта мебошад ва онро метавон барои гузаштани даври дуюми экспертиза дар муассиса пешниҳод намуд.

Хулосаи мазкур дар маҷлиси кафедраи сиёсатшиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ тасдиқ шудааст.

Дар ҷаласа 14 нафар устодони кафедра иштирок доштанд, ки натиҷаи овози онҳо чунин аст: Натиҷаи овоздиҳӣ: “тарафдор” 14 нафар, “муқобил” – нест, “бетараф” – нест. Суратмаҷлиси № 6 аз “20” январи соли 2021.

Раиси ҷаласа:
Мудири кафедраи сиёсатшиносӣ,
номзади илмҳои сиёсӣ, дотсент Бедилзода Ҳ.К.

Котиби ҷаласа: Эшонҷонова Ф.

Имзоҳои номзади илмҳои сиёсӣ, дотсент Бедилзода Ҳ.К. ва Эшонҷонова Ф. - ро тасдиқ менамоям.
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси ДДОТ ба номи С. Айнӣ Назаров Д.

Суроғаи муассиса:
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121.
Тел.: (+992 37) 224-13-83
E-mail: tgpu@mail.ru
Сомонаи расмӣ: www.tgpu.tj